Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал «Оид ба тартиби истифодаи ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо»

Мутобиқи муқаррароти қисми 16 моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал «Оид ба тартиби истифодаи ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо», тасдиқ карда шавад (замима мешавад).

2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши собиқ Вазири даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.10.2006, №301-Ф аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. гузошта шавад.

Раис Н.Давлатов